**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Сафаров Сайфулло Зикрилоевич дар мавзуи «Такмили механизмҳо ва низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

Дар низоми бонкии кишвар бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун иштирокчии фаъоли бозори молиявӣ ҳамарӯза ба бахши хусусӣ ва аҳолӣ хизмат мерасонанд. Дар шароити муосир рушди устувори иқтисоди миллӣ аз сатҳу сифати ниҳодҳои мазкур вобастагӣ дорад. Дар айни замон, бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои худро дар бозори бонкӣ пурра амалӣ намуда истодаанд, вале дар рванди фаъолияти худ, хусусан дар самти зиёд кардани пойгоҳи сармояи худӣ, ба хавфҳо ва мушкилот низ дучор мешаванд. Маҳз масъалаҳои номбурда муҳимияти интихоби мавзуи таҳқиқотии диссертантро ба миён гузоштааст.

Сафаров Сайфулло Зикрилоевич соли 2013 факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро аз рӯйи ихтисоси фаъолияти бонкӣ хатм намуда, айни ҳол омӯзгори кафедраи назарияи иқтисоди донишгоҳи мазкур мебошад. Унвонҷуи кафедраи кори бонкии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба шумор меравад.

Муқаррароти назариявӣ ва методологии диссертатсия, объект, мавзуъ, навгониҳо ва муҳтавои асосии диссертатсияи Сафаров Сайфулло Зикрилоевич ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз: 10.1. Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; 10.5. Устувории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стратегияи рушди он; 10.12. Такмили низоми идоракунии хавфҳои бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон; 10.16. Системаи мониторинг ваояндабинии хавфҳои бонкӣ; 10.1. Ташаккули системаи бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; 10.18. Проблемаҳои мувофиқсозии ташаккул ва инкишофи системаи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон; 10.19. Методология ва механизмҳои ташаккул ва истифодаи захираҳои бонкӣ; 10.20. Таъмини молиявии фаъолияти бонкӣ. Маблағгузории ҳиссавӣ ва қарзии фаъолияти бонкӣ; 10.21. Захираҳои бонкӣ ва ташкилкунии онҳо мувофиқат мекунад.

Дар раванди таҳқиқот Сафаров Сайфулло Зикрилоевич худро ҳамчун шахси меҳнатдуст ва қавиирода муаррифӣ намуд. Дар иҷрои кори илмию таҳқиқотӣ, ҳамчун таҳқиқгари ҷиддӣ дар ҷамъоварӣ ва омӯзиши таҳияи мақолаҳои илмӣ, вобаста ба мавзуи диссертатсионӣ мустақилият нишон дода,

10 мақолаи илмӣ ба чоп тавсия намуд, ки аз онҳо 8 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки унвонҷӯ Сафаров С.З дар кори диссертатсионӣ асосҳои назариявии идоракунии устувори бонкҳои тиҷоратиро мавриди омӯзиш қарор дода, вазъияти имрӯзаи механизмҳои устувории молиявии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намудааст. Ҳамчунин Сафаров С.З. тавонистааст роҳҳои асосии такмилии механизмҳои устувории молиявии бонкҳои тиҷоратиро пешниҳод намояд.

Умуман кори диссертатсионӣ сохтори хуби мантиқӣ дошта, мақсад ва вазифаҳо дуруст тархрезӣ гардида, унвонҷӯ тавсияҳои илман асоснокро пешниҳод кардааст.

Дар маҷмӯъ диссертатсияи Сафаров Сайфулло Зикрилоевич дар мавзуи «Такмили механизмҳо ва низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ тавсия дода мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Назирӣ Г.Н.**

*Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*734025 шаҳри Душанбе хиёбони Рудакӣ 38/1,*
*телефон (9) 600 – 32 – 10; (+992) 92 – 779 - 19 – 36.*
*E-mail: TGN 1970@mail.ru.*

имзои Назирӣ Г.Н. – ро
тасдиқ мекунам.
сардори Идораи кормандони
Бонки миллии Тоҷикистон Сайдвалиева Озода Сайднабиевна.

26.08.2024